


# МАКТУБИ ИТТИЛООТӢ

Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон санаи 20-уми декабри соли 2025 конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзӯи “Роҳҳои баланд бардоштани дараҷаи азхудкунии забонҳои хориҷӣ (русӣ, англисӣ)ва роҳҳои беҳтар намудани сифати ин дарсҳо аз ҷониби омӯзгорон” баргузор мегардад. Ба конфронси мазкур намояндагони вазорату идораҳои дахлдор, муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар, олимону муҳаққиқон, намояндагони ташкилотҳои байналмилалӣ, пажуҳишгоҳҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва ширкатҳои соҳибкорӣ даъват карда мешаванд.

**Дар конфронс масоилҳои зерин мавриди муҳокима қарор мегиранд:**

1. Саҳми Ҳукумат ва давлати Тоҷикистон бо сарварии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва нақши Истиқлолият дар такмил ва таълими омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ
2. Таълими босифати забони давлатӣ асоси самаронокии омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ
3. Роҳ ва усулҳои инноватсионии баланд бардоштани сифати дониши донишҷуён аз забонҳои русӣ ва англисӣ
4. Ташаккули насли ҷавон бо салоҳиятҳои забонии ҷаҳонӣ
5. Таҳкими нақши омӯзиши забонҳои хориҷӣ тавассути илм, маориф ва фарҳанг
6. Истифодаи таҷрибаи байналмилалӣ дар омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ
7. Такмили заминаи мавҷудаи таълимию методӣ оид ба омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ
8. Роҳҳои ҷорӣ намудани технологияи инноватсионӣ дар доираи такмили мазмуни омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ

9. Истифодаи воситаҳои муосири таълимӣ дар дарсҳои забонҳои русӣ ва англисӣ
10. Шаклҳои гуногуни таълими фосилавӣ дар такмили ихтисоси омӯзгорони забонҳои русӣ ва англисӣ
11. Нақш ва мавқеи воситаҳои ахбори омма (ВАО) дар омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ

Дар ин замина, олимон, муҳаққиқон, магистрантҳо ва хоҳишмандоне, ки дар кори конфронс хоҳиши ширкат варзидан мехоҳанд, метавонанд то 15-уми декабри соли 2025 мақолаҳои худро ба суроғаи электронии zebo161@mail.ru ирсол намоянд.

Забони конфронс: *тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ.*

## ТАЛАБОТ НИСБАТ БА МАЪРӮЗАҲО:

Матни мақола бояд бо формати Microsoft Office Word, фосилаи байни сатр 1,5 бо истифодаи ҳуруфи Times New Roman (бо забони русӣ - Times New Roman), шрифти 14, ҳошияҳояш 2 см омода шуда, ба таври зайл пешниҳод гардад:

- дар байни саҳифа ному насаби муаллиф /муаллифон, дараҷаву унвони илмӣ, вазифа, ҷои кор ва e-mail навишта шавад;
- номи мавзӯъ дар мобайни саҳифа бо ҳарфҳои калон (бо ҳарфҳои ғафс, шрифти 14 пт) навишта шуда, матни пурраи маърӯза ва рӯйхати адабиёт;
- иқтибосҳо дар қавсайнҳои квадратӣ бо нишондоди рақами тартибии адабиёт ва саҳифа (масалан [**2, с.42**]) оварда шаванд;
- расмҳо, тасвирҳо, диаграммаҳо ва схемаҳо бо формати **«bmp», «jpg», «dwg», «gif»** иҷро карда шуда, ҳатман ба онҳо ном гузошта шавад.

**Намуна**

Қаҳоров Масъуд Маҳмудович
дотсенти кафедраи забонҳо
Донишгоҳи давлатии
тиҷорати Тоҷикистон,
номзади имҳои филологӣ
E-mail:______________________________

## ТАҲҚИМИ НАҚШИ ОМӮЗИШИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶӢ

Аннататсия: .....

Калидвожаҳо: ...... . . . . .

Матн......матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... [1, С. 255] матн...... матн...... [2, С. 255] матн...... матн...... матн...... матн......

АДАБИЁТ

1. А
2. Б
3. В

Матни маърӯзаи иштирокчиёни конфронс, ки аз ҷиҳати мазмун ба талаботи дар боло зикргардида мувофиқат мекунад ва то 15-уми декабри соли 2025 пешниҳод мегардад, бо тавсияи ҳайати таҳририя дар шакли маҷмӯаи маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ то рӯзи баргузории конфронс нашр карда мешавад.

Даъватҳо барои иштирок дар конфронс то 15-уми декабри соли 2025 фиристода мешаванд.

Қаҳоров Масъуд Маҳмудович (мутасаддӣ) Тел.: +992-934444155.
E-mail: zebo161@mail.ru

**КУМИТАИ ТАДОРУКОТ**